**ХУЛОСАИ**

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим
Улуғзода барои дарёфти номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси
10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ (қарори
Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, №3)

**Парвандаи аттестатсионии №____**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 27.09.2025, №33**

Дар бораи сазовор донистани Орзузода Парвина Ҷамолидин дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.

Диссертатсияи **Орзузода Парвина Ҷамолидин дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6: фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президентӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2023, таҳти № 18/шд тамдидшуда) аз 28-юми июни соли 2025, суратмаҷлиси № 26 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Орзузода Парвина Ҷамолидин 13-уми декабри соли 1975 дар ноҳияи Ҳисор дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст. Соли 1993 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 19 -и ноҳияи мазкурро хатм намудааст.

Орзузода Парвина Ҷамолидин соли 1993 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қандил Ҷӯраев (ҳозира Садриддин Айнӣ) дохил шуда, онро соли 1998 аз рӯйи ихтисоси забонҳои англисӣ ва немисӣ хатм намудаст.

Орзузода Парвина Ҷамолидин ба ҳайси унвонҷӯ соли 2021 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул ва мавзуи рисолаашро дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 6 –уми майи соли 2022 №11/5.1 таҳти роҳбарии доктори илмҳои филологӣ, профессор, Каримов Шуҳрат Бозорович тасдиқ намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз ҷониби Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ 17.02.соли 2024 № 04/160 дода шудааст. Имтиҳонҳоро аз фанҳои «фалсафаи илм» бо баҳои «хуб», «Забони хориҷӣ (забони фаронсавӣ)» бо баҳои «хуб» ва «Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ» бо баҳои «хуб» супоридааст. Диссертатсияи Орзузода Парвина Ҷамолидин дар ҷаласаи васеи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва шурои олимони факултети забони англисӣ ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (суратҷаласаи №6/5.1 аз 24.01.2025) баррасӣ ва ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

Мазмуни асосии диссертатсия дар 5 мақолаи муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии ба феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда ва 4 мақолае, ки дар дигар маҷаллаҳо ба табъ расидаанд, баён шудааст. Тақризи роҳбари илмӣ мусбат арзёбӣ гаштааст.

Диссертатсия дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Каримов Шухрат Бозорович - доктори илмҳои филологӣ, профессор, директори муассисаи давлатии таълимии «Мактаби Президентӣ барои кӯдакони болаёқат дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон».

**Муқарризони расмӣ:**

**Мухторов Зайнидин Мухторович** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректори филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе.

**Раҳмонова Дилрабо Искандаровна,** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои хориҷии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи назария ва типологияи забони англисии факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Олматова Шарофат Сафаралиевна ва ташхисгар номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи назария ва типологияи забони англисии факултети забонҳои хориҷӣ Кабиров Лутфулло Абдусаломович, котиби илмии ҷаласа Муродов исмоил Саидович бо имзо ва аз ҷониби ректори ин муассиса, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Орзузода Парвина Ҷамолидин кори баанҷомрасида ва мувофиқи талаботи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълифгардида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну мухтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия довталаб 9 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводди интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**1.Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**:

**Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

**[1- М]. Орзуева П. Ҷ.** Истифодаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави сабаб ва замон дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / П. Ҷ. Орзуева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ– Душанбе, 2022. – №1 (96). – С. 96-101. ISSN 2219-5408

**[2-М]. Орзуева. П. Ҷ.** Воситаҳои асосии алоқаи тобеи ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа бо сарҷумла дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / П.Ҷ. Орзуева // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2022. – №4 (99). – С. 65 - 70. ISSN 2219-5408

**[3-М]. Орзуева. П. Ҷ.** Ифодаи маъноҳои асосӣ ва вазифаҳои эзоҳии ҷумлаҳои пайрави сабаб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / П. Ҷ. Орзуева // Паёми Донишгоҳи миллӣ. – Душанбе, 2023. – № 6. – С. 58-64. ISSN 2413-516X

**[4-М].** **Каримзода. Ш. Б., Орзуева. П. Ҷ.**, Мавқеъ ва истифодаи интонатсия дар ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / Ш. Б. Каримзода., П. Ҷ. Орзуева, // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ– Душанбе, 2023. – №6. – С. 7-14. ISSN 2219-5408

**[5-М].** **Орзуева П. Ҷ.** Нақши калимаҳои ҳамнисбат дар ташаккули ҷумлаҳои пайрави сабаб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / П. Ҷ. Орзуева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ– Душанбе, 2024. – №3. – С. 59-64. ISSN 2219-5408

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷаллаҳо ва маҷмуаи маводи конфронсҳо:**

**[6-М].** **Орзуева. П. Ҷ.** Истифодаи пайвандакҳои тобеъкунандаи чунки, зеро ки, азбаски (since, for,. - because, as)дар ҷумлаҳои пайрави сабаб дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / П. Орзуева // Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷума ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ дар макотиби таҳсилоти олӣ. мав. конф. илмӣ- амалии байналмилалӣ. – Душанбе, 2023. – С. 141-144.

**[7-М].** **Orzueva P. J.** The using of subordinating conjunctions in adverbial clauses of cause in Tajik and English languages / P. J. Orzueva // Collection of Articles of Scientific and Practical International Conference entitled «Language is an important carrier of historical memory». – Dushanbe, 2024. – P.76 -81.

**[8-М].** **Орзуева, П. Ҷ.** Воситаҳои гуногуни истифодаи пайвандаки ки дар ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / П. Орзуева // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Муносибати босалоҳият дар рушду нумуи таълими забони хориҷӣ. – Душанбе, 2024. - С. 96-99.

**[9-М].** **Орзузода П. Ҷ.** Мавқеи истеъмолии пайвандаки «азбаски» (since) дар ҷумлаҳои пайрави сабаб дар забони тоҷикӣ ва мувофиқати он дар забони англисӣ / П. Орзуева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами омӯзиши забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ ва хитоӣ) дар шароити муосир» (Бахшида ба 80-солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ). – Кӯлоб, 2024. – С. 157-159.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд**:

**1.** Тақризи доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Наргис Шариф мусбат буда, ба автореферат ду эрод гирифтааст.

А) Дар аксарияти саҳифаҳои автореферат хатогиҳои имлоӣ ба чашм мерасанд;

Б) Дар автореферати диссертатсия хатогиҳои услубию техникӣ ба назар мерасанд, вале манзалати корро коста намегардонанд.

**2**. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи мутолиоти Аврупоии факултети муносибатҳои байналхалқии ДТМ Наҷмиддинов Акбаршоҳ Файзуллоевич мусбат буда, ба автореферат 2 эрод гирифтааст.

А) Дар автореферат агар таҳлил дар ҷадвал нишон дода мешуд, кор ранги дигар мегирифт.

Б) Дар автореферати диссертатсия баъзе нуқсонҳои техникӣ ба назар мерасанд.

**3**. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, муаллими калон, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатзода Файзиддин Ҷамил мусбат буда, ба автореферат ду эрод гирифтааст:

А) Диссертант тавонистааст таҳлили басо мураккабро ҳаллу фасл намояд, вале дар автореферат натиҷаи таҳлил дар ҷадвал оварда мешуд, кор ранги дигар мегирифт;

Б) Дар матни русии автореферат баъзан хатогиҳои имлоиро дучор омадан мумкин.

**4.** Тақризи номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисии МДТ-и “ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров” Усмонова Рухшона Раҳматовна мусбат буда, ба автореферат ду эрод гирифтааст:

А) Забони рисола равону илмӣ бошад ҳам, гоҳо ҷумлаҳои носуфта ба назар мерасанд;

Б) Дар автореферати диссертатсия ҷо ҷо ғалатҳои имлоӣ ба чашм мерасад.

Муқарризон дар баробари муайян намудани баъзе эроду норасоиҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навовари рисолаи илмӣ, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

–дар диссертатсия бори нахуст вижагиҳои асосии тавсифҳои ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа, сохтор, қолабҳои ҷумласозии онҳо, таснифоти онҳо, хусусиятҳои сохториву маъноӣ, воситаҳои грамматикӣ ва ифодаи тобишҳои

гуногуни маъноҳои иловагии ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа дар забонҳои тоҷикиву англисӣ мавриди баҳси илмӣ қарор гирифта, фарқияту умумияти онҳо дар муқоиса **нишон дода шудааст**;

- баъзе хусусиятҳои дастурии ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷаи забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ **муайян шудааст;**

- мавқеи пайвандакҳо дар ташаккулу таҳаввули ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа дар забонҳои муқоисашаванда **муайан карда шудааст;**

- умумият ва вижагиҳои фарққунандаи ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа аз навъҳои дигари ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ **ошкор гаштааст;**

- нақши калимаҳои ҳамнисбат ва интонатсия дар созмони ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷаи забонҳои муқоисашаванда **нишон дода шудааст.**

**Аҳаммияти назарияви таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки** маводди он дар заминаи таҳлил ва таҳқиқи ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ метавонад ҳангоми коркарди масъалаҳои мубрами грамматикӣ дар пояи таҳқиқи муқоисавӣ истифода гардад. Дар диссертатсия маводди иловагӣ барои баррасии бархе аз масъалаҳои наҳви забонҳои мавриди таҳқиқ ба таври муқоисавӣ пешниҳод шудааст, ки метавонад ҳамчун сарчашмаҳои асосии пажуҳиш ва омӯзиши минбаъда дар ин самт нақше дошта бошад. Аз ин рӯ, натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар ҳаллу фасли баъзе бахшҳои назариявии наҳвшиносӣ, махсусан, доир ба омӯзиши масъалаҳои мухталифи марбут ба шохаҳои забоншиносӣ, аз ҷумла, забоншиносии муқоисавӣ–типологӣ ва услубшиносӣ истифода гардад. Нуктаҳои асосӣ ва амалии таҳқиқ метавонанд ҳангоми пажуҳишҳои муқоисавӣ ва типологии забонҳои дигар, ҳангоми таҳия ва навиштани дастурҳои таълимӣ барои факултаҳои филологии донишгоҳу донишкадаҳо, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гиранд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки бахшҳои ҷудогонаи диссертатсияро ҳамчун маводди боэътимод ҳангоми гузаронидани семинарҳои махсус роҷеъ ба масъалаҳои наҳви забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар бахшҳои филологӣ, тарҷумонӣ ва забонҳои хориҷии мактабҳои олӣ истифода намудан мувофиқи матлаб мебошад. Инчунин, маводди таҳқиқии мазкур метавонад дар таҳияи курсҳои назариявӣ аз фанҳои «Муқаддимаи забоншиносӣ», «Забоншиносии умумӣ» ва «Типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», «Назария ва амалияи тарҷума» истифода гардад.

Дар асоси мавҷуд будани ин ё он воситаи алоқаи грамматикии сохтори ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа дар забонҳои муқоисашаванда бояд

тобишҳои маъноие, ки дар мазмуни матни ҷумлаи пайрави сабабу натиҷа инъикос ёфтаанд, ба таври мушаххас муқаррар карда шуданд.

Диссертатсия ҳангоми таҳқиқу барррасии масъалаҳои сохториву маъноии ҷумлаҳои пайрави ҳол, аз ҷумла, ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа метавонад ба пажуҳишу таҳлили навъҳои гуногуни ҷумлаҳои пайрав аз лиҳози муқоиса ҳамчун дастури зарури илмӣ мусоидат менамояд.

Маводди диссертатсия бо мақсади ҳарчи бештар ошноӣ пайдо намудани донишҷӯёни бахшҳои филологии забони тоҷикӣ ва англисӣ ба хусусияти забонии ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷаи забонҳои муқоисашаванда дар китобҳои дарсии ба барномаҳои таълимӣ мувофиқ ворид намудани ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа пешниҳод карда мешавад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод, ки** дар навъҳои ҷумлаҳои пайрав пайвандакҳо, калимаҳои ҳамнисбат, интонатсия, мутобиқати шаклҳои феълию хабарӣ ҳамчун воситаи муҳимми грамматикӣ ба шумор рафта, дар ташаккулу таҳаввули навъҳои зикргардидаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ нақши муҳимро ба ҷой меоваранд.

Ҳангоми таълифи диссертатсия ба сифати асосҳои муҳимми назарӣ таҳқиқи илмӣ ва таълифоти донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ, аз қабили осори донишмандони ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла, Б. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Ниёзӣ, Н. Маъсумӣ, Д. Тоҷиев, Ҳ. Ҳусейнов, Ш. Рустамов, К. Қаландаров, Ф. Зикриёев, М. Қосимова, Б. Камолиддинов, С. Атобуллоев, Д. Хоҷаев, М. Мирзоева, С. Собирҷонов, М. Абдураҳмонова, Р. Асозода, Н. Раҳмонова, А. Смирнитский, Б. Илиш, Ю. Р. Гепнер, Л. Иофик, Б. Хаймович, В. Л. Каушанская, Н. А. Кобрина , Д. С. Самедов, Е. В. Кротович, Н. С. Поспелов, С. Е. Крючков, Н. Н. Темирханова, Л. Ю. Максимов, Н. Широкова, Н. С. Черникова, И. Р. Чередниченко, Н. Маъсумӣ, Ш. Рустамов, Д. Тоҷиев, А. Мамадназаров, Н. Раҳмонова, К. Усмонов, В. Виноградов, П. С. Пейсиков, М. А. Ганшина, Т. В. Ларина, Д. Н. Шмелов ва дигарон истифода шудаанд.

Дар диссертатсия вижагиҳои фарққунандаи ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷаи забонҳои тоҷикиву англисӣ дар осори нависандагони тоҷику англис, аз ҷумла, «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ, «Ҷейн Эйр»-и Шарлотта Бронте, «Пирамард ва баҳр»-и Эрнест Ҳемингвей ва тарҷумаи онҳо ба забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ **истифода шудааст.**

**Саҳми шахсии муҳаққиқро дар раванди** таҳқиқ ба даст овардани мавод вобаста ба мавзуи диссертатсия ва корҳои зерини анҷомдода дар бар мегирад: а) таҳлили шарҳи назариявии адабиёти илмии мансуб ба мавзуи пажуҳиш, яъне ҷумлаи пайрави сабабу натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ; б) ҷамъоварӣ ва ба низом даровардани мавод аз сарчашмаҳои мушаххас, яъне аз асарҳои «Ҷейн Эйр»-и Шарлотта Бронте, «Ёддоштҳо»-и

Садриддин Айнӣ, «Пирамард ва баҳр»-и Эрнест Ҳемингвей ва тарҷумаи онҳо ба забонҳои тоҷикиву англисӣ; в) муайян намудани мавқеи пайвандакҳои тобеъкунанда, вожаҳои ҳамнисбат ва интонатсия, мутобиқати шаклҳои феълию хабарӣ дар ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷаи забонҳои муқоисашаванда бо такя ба асарҳои зикргардида; г) нишон додани вижагиҳои ба ҳам монанд ва фарққунанда дар мавриди таҳлили ҷумлаҳои пайрави сабабу натиҷа; д) хулосаву пешниҳодҳои мушаххас, ки аз натиҷаи таҳқиқот ба даст омадаанд.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 27-уми сентябри соли 2025, № 33 дар бораи сазовор донистани Орзузода Парвина Ҷамолидин бо дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, ки аз инҳо 3 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Дар овоздиҳӣ аз 11 нафар аъзои ба ҳайати Шурои диссертатсионӣ шомилбуда, 11 нафар овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**ҚАРОРИ**

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

**аз 27. 09. 2025** **ш. Душанбе**

Баромади Орзузода Парвина Ҷамолидин дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» - аз рӯйи ихтисоси 10.02.20- Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ муқоисавӣ, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, баромади муқарризони расмӣ – Мухторов Зайниддин Мухторович - доктори илмҳои филологӣ, профессор. Ректори филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе, Раҳмонова Дилрабо Искандаровна, дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои хориҷии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, муқарризони ғайрирасмӣ, докторони илм, профессорон Шербоев Саидбой, Ҷабборова Марҳабо Тухтасуновна, Гулназарзода Жило Бӯрӣ ва Турсунов Фаёзҷон Мелибоевичро шунида,

Шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи Орзузода Парвина Ҷамолидин

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Орзузода Парвина Ҷамолидин дар мавзуи **«Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави сабаб ва натиҷа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд;

3. Ба Орзузода Парвина Ҷамолидин дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба Орзузода Парвина Ҷамолидин аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад

Касе, ки тарафдори ин қарори Шурои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад.

Тарафдор – 11 нафар. Зид, бетараф? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шурои
диссертатсионӣ, профессор Турсунов Ф. М.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионӣ, дотсент Ҳасанова Ш.Р.

27-уми сентябри соли 2025